**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 28 саҳ).**

Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши ҷавобгарии ҳуқуқӣ меафзояд. Он яке аз шарту меъёрҳои самаранокии таъсири ҳуқуқӣ мегардад, ки проблемаҳои он дар маркази таваҷҷуҳи олимон ва донишмандон қарор дорад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ - институти муҳимми ҳар як низоми ҳуқуқӣ буда, ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хизмат мекунад ва яке аз аломатҳои муҳиме мебошад, ки ҳуқуқро ҳамчун танзимгари зарурии муносибатҳои ҷамъиятӣ тавсиф медиҳад.

Татбиқ ва амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сатҳи қонуният ва ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ, сифати меъёрҳои ҳуқуқиро нишон медиҳад, ки дар ниҳоят самаранокии тамоми низоми ҳуқуқро бозгӯ менамояд. Аммо, доираи масъалаҳое, ки ба мақсадҳо, принсипҳои он ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманданд, ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои илми ҳуқуқи ватанӣ беш аз пеш мубрам мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки раванди нав дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ боиси тағйироти проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гардида, ба методҳо, принсипҳо ва шаклҳои амалишавии онҳо таъсир мерасонанд, ки бояд бо назардошти ҳадафмандии иҷтимоии қонунҳо ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мувофиқат намояд. Мутахассисони соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқшиносӣ, функсияҳои ҳуқуқ, функсияҳои соҳаҳои ҳуқуқ, функсияҳои меъёрҳои гуногуни ҳуқуқ ва як қатор дигар проблемаҳои муҳимро фаъолона омӯхтанд. Аммо, ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва аз ҳама муҳимаш ба шаклҳои амалисозии онҳо таваҷҷуҳи кам зоҳир намудаанд. Бо назардошти асосҳои зикршуда метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи унвонҷӯ Алиев И.И. оид ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бешубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калони назариявию амалиро соҳибанд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 2 воситаи таълимӣ, 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бар меояд, ки таҳқиқбаранда паҳлуҳои гуногуни масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳоро бисёр хуб омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли мақолаҳои

илмӣ ба чоп расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Алиев И.И. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи қонунгузории соҳавӣ ҷиноятӣ, маданӣ, конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои такмили қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузоштташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд:

1. Муаллиф дар тавсияи сеюми диссертатсия оид ба қабул намудани “Стратегияи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон” қайд намудааст (саҳ. 19). Вале муаллиф бо кадом асосҳои илмию амалӣ онро пешниҳод кардааст, мушаххас нагардидааст. Аз ҷониби дигар доираи фарогирии моҳиятии он пешниход карда нашудааст, ки ин моҳияти илмии пешниҳоди мазкурро коста мегардонад.

2. Диссертант дар автореферати диссертатсия намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқукиро таҳқиқ намуда, оид ба онҳо маълумотҳои бисёреро қайд намудааст. Вале, аз чи бошад, ки диссертант мафҳум ва нишонаҳо на ҳама функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба тариқи мушаххас пешниҳод накардааст. Ба андешаи мо, хуб мебуд муҳаққиқ дар асоси таҳлили нуқтаҳои назари гуногун, доир ба ҳар кадоме аз намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мафҳумҳои муаллифии худро пешниҳод менамуд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баҳснок мебошад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (славянии) Русияву Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ҳамроев Ш.С.

Имзои Ҳамроев Ш.С-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо Раҳимов А.А.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Мирзо Турсунзода, 30.
Тел.: 223-04-20, 988-18-25-80,
Email: shuxrat-hamro62@mail.ru
«29» марти 2024 с.